**ҚАРОРИ**
**ШУРОИ МЕТОДИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

---

аз ” ____” “____” 2024 № _____ ш.Душанбе

Оид ба вазъи ҳуҷҷатгузории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакони шаҳри Левакант

Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ маълумотномаи шуъбаи таҳсилоти томактабиро оид ба вазъи ҳуҷҷатгузории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакони шаҳри Левакант баррасӣ намуда, **ҚАРОР МЕКУНАД:**

1.Маълумотномаи шуъбаи таҳсилоти томактабии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ оид ба вазъи ҳуҷҷатгузории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакони шаҳри Левакант ба инобат гирифта шавад (замима мегардад).

2.Ба мудири бахши маорифи шаҳри Левакант (Раҳимов Файзулло) тавсия дода мешавад:

2.1.Маълумотнома ва қарори Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методиро дар Шурои бахши маориф мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷудаи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон аз қабили тартиби баҳисобгирии ариза, ба расмият даровардан ва додани роҳхат аз тарафи бахши маориф, ба роҳ мондани семинарҳои доимоамалкунанда, ташкили кумакҳои методӣ, таҳияи нақша - чорабиниҳо, масъалагузории бандҳои нақша - чорабиниҳо дар доираи имкониятҳои мавҷуда оид ба иҷрои барномаҳо, тартиби масъалгузорӣ дар нақшаи корӣ оид ба беҳдошти сифати таълиму тарбияи томактабиён, иштирок ва таҳлили машғулиятҳои таълимӣ, интихоби мавзуъҳои семинарҳо, ки маҳорати касбии мураббиёнро тақвият мебахшад, тибқи фармоиши мудири муассиса вобаста намудани мутахассиси ҷавон ба роҳбалад (мураббияи пуртаҷриба, навовар), ёрӣ ба мутахассиси ҷавон, интихоб, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи мураббияи пешқадам, таҳияи нақшаи кори кабинети методӣ, таъмини кабинети методӣ бо маводҳои таълимӣ, намоишӣ, тақсимотӣ, гӯшаҳои тарғиботӣ, таҳияи нақшаи ҳафтаинаи мураббия, ороиш ва таъмини толори мусиқӣ бо асбобҳои мусиқӣ, ҷудо намудани бандҳои алоҳида дар Оинномаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташкил, раванди таълиму тарбия, муҳлати таҳсил дар маркази

инкишофи кӯдакон, масъалагузорӣ дар нақшаи кории муассисаи таълимӣ, маҷлиси якҷояи падару модарон фармоиши директор оид ба ташкили Марказ, дар бораи ба вазифа таъин кардани мураббӣ-омӯзгор, қабули кӯдакон, шартнома бо падару модар, тасдиқи ҷадвали машғулиятҳои таълимӣ, дафтари иштирок дар машғулиятҳо чораҳои мушаххас андешад;

2.2.Вазъи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабиро зери назорати доимӣ қарор дода, мутахассис оид ба муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдаконро вазифадор намояд, ки баҳри ҷоннок намудани ҳуҷҷатдорӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон чораҳои зарурӣ андешад;

2.3.Ҷиҳати фаъолияти самарабахши муассисаҳои таълимии томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон тибқи нишондоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа бо мудир ва мураббиёни муассисаҳо семинар–машваратҳои дастурдиҳӣ доир намояд;

2.4.Тағриби омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами мураббиёнро тибқи талаботи дастур оид ба таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба роҳ монад;

2.5.Ёрӣ ба мутахассисони ҷавонро дар асоси нақшаи кор бо мутахассиси ҷавон ҷоннок намуда, мунтаззам кумаки методӣ барои онҳо расонад;

2.6.Дар ҳамкорӣ бо маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ муассисаҳои таълимии томактабиро бо маводи тозанашри таълимию методӣ таъмин намояд.

2.7.Фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдаконро мавриди омӯзиш ва кумаки ҳамаҷониба қарор дода, аз натиҷаи корҳои анҷомдода то 10 - октябри соли 2024 ба маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ маълумотномаи таҳлилӣ манзур созад.

3.Шуъбаи таҳсилоти томактабӣ (С.Офиятхонова) вазифадор карда шавад:

3.1.Дар ҳамкорӣ бо масъулини муассисаҳои таълимии томактабии бахши маорифи шаҳри Левакант, мудирон ва сармураббиён баҳри рушди касбият, маҳорату малака ва табодули таҷрибаи кории онҳо ба семинар-машваратҳои дастурдиҳӣ ҷалб карда шаванд.

4.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зимаи муовини директори Марказ А. Абдуллоев гузошта шавад.

Раиси Шуро
директор Ш. Каримзода